***Рустам Раҳимов*** *– таҳлилгари сиёсӣ.*

# ҲАҚИҚАТИ ХИЁНАТ

Саркардаи худхондаи ташкилоти террористии Ҳизби наҳзати ислом тӯли чанд вақт дар назарҳо ғойиб ва дар кишварҳои аврупоӣ қарор дошта, як-як дар шабакаҳои интернетӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ пайдо шуда, ба тавсифи аҳзоби иртиҷоии динӣ, ки зери назари худаш фаъолият мекард, мепардозад.

Гуфтугӯи охири саркардаи Ҳизби террористӣ ва экстремистии наҳзати ислом далели он аст, ки ӯ ҳамеша бо миллати тоҷик дар ҳолати бархӯрд қарор доштааст. Вай он давраро ёдоварӣ менамояд. Ба манфиати худи ҳамин гурӯҳ аст. Роҳбари ҳизби ифротӣ фикри обруи гумкардаи худро намуда, ки ба манфиатҳои шахсиву сиёсиаш бисёр латма ворид кардааст. Баҳри нигоҳ доштан ва баргардонидани мавқеи хеш чунин мусоҳибаҳо ва сафарҳоро ташкил карда, мекӯшад гунаҳкорони ифротгарои наҳзатиро ҳимоят кунад. Вай зимни суҳбати «сарироҳӣ» дар хусуси А.Назарзода иброз медорад: «Мо натанҳо ҳамсоя, балки дӯстони хуб низ будем. Ҳоло ӯ генерал набуд ва ба ҳайси сардори кадом раёсати Вазорати мудофиа хизмат мекард». Дар матлаб суханони тамасхӯрона ва таҳдидомезона оварда мешавад ва Кабирӣ тахрибкории худро фаромӯш насохта, чун одати ҳамешагӣ нисбат ба давлату миллати хеш фирку андешаи бадро раво мебинад.

Аз навиштаҳо, қайдҳо, ҳатто навиштаҳои алоҳида, гуфтор ва нутқҳои пароканда, таҳқири ошкоро, туҳмат, буҳтон, мубориза баҳри ошӯбгароии Ҳизби наҳзати ислом дар ҳамкорӣ бо А.Назарзода намудор мешавад: «Акнун ман суханони ӯро иқтибос карда наметавонам (А.Назарзода дар назар дошта шудааст Р.Р.), балки ба он маъно буд, ки онҳо дар идораи вазири худ дар якҷоягӣ бо намояндагони дигар вазоратҳои қудратӣ нишаста, дар онлайн мониторинги вазъи толори моро назорат мекарданд. Ӯ афзуд, ки ҳама дар ин ҷо беадолатии эълони фоизҳоро дарк мекунанд ва аз он мутаассиф ҳастанд. Аммо ҳеҷ кор фоида надорад, зеро натиҷаҳо эълон шуд». Муҳиддин Кабирӣ ашхоси дурӯяеро мемонад, ки ибтидо дар мавриди сулҳу осоиштагӣ ҳарф мезанад, касе набояд ин амнияту осоиштагии моро халалдор кунад, вале худ оромиву осудагиро аз байн бурданӣ ҳаст. Афкори ӯ ба ҳаводисе рабт мегирад, ки имрӯзҳо яке аз гурӯҳи исломӣ дар Осиёи Марказӣ, махсусан, дар кишвар - Ҳизби террористӣ ва экстремистии наҳзати исломӣ мавқеи худро дар миёни аҳолӣ аз даст дод. Ҳатто даъватҳои раҳбари фирории ТЭТ ҲНИ дар ин матлаб садо медиҳад, то аъзо ва ҷонибдоронаш бо истифода аз васоили мухталифи паёмрасонӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ майдонҳои муқовиматро ташкил дода, мардумро бедор кунанд.

Ҳизби наҳзати исломӣ худро мухолифини сарсахти давлати Тоҷикистон маҳсуб дониста, аз ҳар дару дарвоза сару садое баланд карда, давлату ҳукумати Тиҷикистонро зери интиқоди шадид қарор медиҳанд.

Мутаассифона, ҳизбе, ки суннатро зери по кардаву ба манфиати гурӯҳӣ табдил дод. М.Кабирӣ ба ҳақиқати ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар баҳои воқеӣ надода, адовату душмании худро нисбат ба давлату миллати тоҷик пайваста идома медиҳад.

Дар хусуси мамнӯъ эълон гардидани фаъолияти Ҳизби наҳзати исломӣ ва пароканда гардидани аъзояш, ҳатман ҳикмате пушти сари он қарор дорад. Чунки миллати тоҷик бори дигар аз ошӯбу фитнаҳои бо ном исломӣ эмин монд. Саркадаҳои ТЭТ ҲНИ сазои амалҳои аз ислом нодуруст истифода кардани худро чашида истодаанд. Онҳо буданд, ки дари ихтилоф дар динро ба рӯи мардуми тоҷик кушоданд ва боиси вуруди ақидаҳои бегона ба кишвар гардиданд.

https://www.facebook.com/share/p/n5FGgWojnSSSEfpP/?mibextid=oFDknk